её экономику. В последнее время в Согдийской области очень развит такой вид деятельности, как блогерство, которое достаточно активно и относится к электронному и цифровому бизнесу. В следующей таблице приведены показатели деятельности блогеров в городах и районах Согдийской области.

**Таблица 7. – Деятельность блогеров в городах и районах Согдийской области**

| Города и районы области | Численность | Общий доход (сомони) | Начисленный налог (сомони) | Оплаченный налог (сомони) |
|---|---|---|---|---|
| Худжанд | 33 | 223000 | 15610 | 47520 |
| Деваштичский район | 27 | 128560 | 8999,2 | 38880 |
| Шахристанский район | 19 | 115620 | 8093,4 | 27360 |
| Спитаменский район | 16 | 99230 | 6946,1 | 23040 |
| Пенджикент | 14 | 88350 | 6184,5 | 20160 |
| Джабборрасуловский район | 13 | 101320 | 7092,4 | 18720 |
| Айни | 13 | 88520 | 6196,4 | 18720 |
| Бустон | 12 | 78964 | 5527,48 | 17280 |
| Гулистон | 11 | 86340 | 6043,8 | 15840 |
| Зафарабадский район | 10 | 42980 | 3008,6 | 14400 |
| Исфара | 9 | 18900 | 1323 | 12960 |
| Истаравшан | 4 | 8600 | 602 | 5760 |
| Горномастчинский район | 4 | 16230 | 1136,1 | 5760 |
| Канибадам | 3 | 7300 | 511 | 4320 |
| Бабаджангафуровский район | 2 | 10000 | 700 | 2880 |
| Аштский район | 2 | 9500 | 665 | 2880 |
| Матчинский район | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Истиклол | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Всего по области** | 192 | 1123414 | 78638,98 | 276480 |

**Источник:** Оперативные данные Налогового комитета Согдийской области за период 2022г.

Данные таблицы свидетельствуют о том, что в Согдийской области таким видом деятельности, как блогерство, больше всего заняты в областном центре – Худжанде, численность блогеров составляет 33 человека, общий доход которых равен 223000 сомони, из которых в государственную казну поступило 47520 сомони. Далее идёт Деваштичский район – численность блогеров в этом районе составляет 27 человек. Общий доход блогеров Деваштичский район равен 128560 сомони, из которых в государственную казну поступило 38880 сомони. В Шахристанском районе также развивается данный тип деятельности, число блогеров равно 19 человекам, общий доход которых составляет 115620 сомони, из которых Налоговым комитетом было начислено 8093,4 сомони, а уплачено 27360 сомони.

Из городов и районов Согдийской области новым видом деятельности также занимаются в таких точках как Джабборрасуловский район, Айнинский район, Бустон, Гулистон и Зафарабадский район, их численность

колеблется от 10 до 13 человек. В других городах и районах: Аштский район, Бабаджангафуровском, Канибадамском, Горномастчинском, Истаравшане и Исфаре их численность образует малые величины.

Следовательно, можно сделать вывод, что электронный бизнес более развит в городах и районных центрах, чем в сельской местности. Это предопределяет «нишу» для развития электронного бизнеса в сельской местности. Что касается горных и предгорных районов, то организация и развитие электронного бизнеса здесь затруднены в силу неразвитости сети, недоступности Интернета, низкой плотности сельского населения, естественно-климатических условий. Поэтому пространственное расширение спектра деятельности электронного бизнеса в экономике региона требует дополнительных вложений.

Заслуживает внимания вопрос о создании в Согдийской области сетевого образовательного центра по вопросам маркетинга, рекламы и подготовки персонала (фреймов) и их консультированию в сотрудничестве со специалистами в области рекламных услуг и обмена опытом.

**В заключении** приводятся основные выводы и практические рекомендации, полученные в ходе проведённого исследования.

## ВЫВОДЫ И ПРЕДЛОЖЕНИЯ

Представлены следующие основные научные выводы:

1. Электронный бизнес как инновационная форма бизнес-деятельности появился в конце XX века и связан с бурным ростом информационных технологий и с внедрением компьютеров в систему управления социально-экономическими процессами. Электронный бизнес развивался волнообразно и имеет пять моделей развития: корпорации; сообщества; электронные конгломераты; сетевые экономические системы и глобальный электронный рынок[1-А;14-А].

2.Социально-экономическое содержание электронного бизнеса в системе предпринимательства как фактора развития региона заключается в возможности зарабатывания денег при помощи электронного бизнеса и технологий и является наиболее технологическим и современным способом предпринимательской деятельности населения[10-А].

3.Эффективность электронного бизнеса в экономике региона обеспечивается взаимодействием органов власти, бизнеса и потребителя. Спектр деятельности электронного бизнеса многообразен: электронная торговля; электронный маркетинг; электронное правительство; электронный финансовый анализ; электронные платежи; электронный банкинг; электронная поддержка пользователей; различные электронные переводы финансовых средств; система обмена информацией с использованием электронных технологий, возможность для оперативной передачи информации и прочее, связанное с Интернетом[5-А].

4. Произведена этапизация становления электронного бизнеса, согласно которой первый этап характеризовался появлением электронно-вычислительных машин, второй – развитием информационных технологий

на основе микропроцессоров, карты памяти, третий – появлением интернет-пространства, автоматизированных систем управления субъектами хозяйствования, четвёртый – расширением систем Всемирной паутины-Интернета, электронного обмена информацией, пятый – расширенной сетью национальной и международной системы электронной коммерции[5-А].

5.Развитие электронного бизнеса в экономике региона должно основываться на следующих принципах: системе расширения спектра деятельности; унифицированности; относительной простоты, возможность их использования в условиях регионов Республики Таджикистан; подконтрольности и регулируемости, как рынком, так и государством; различных формах электронного бизнеса (начиная с малого и среднего бизнеса и заканчивая государственно-частным партнёрством); сгрупированности по оперативности и необходимости, т.е. на повышенной потребности и возможности её удовлетворить[7-А].

6. Основными принципами организации электронного бизнеса в системе факторов развития региона и его эффективности становятся: пропорциональность и сбалансированность; эффективные методы использования ресурсного потенциала региона, благоприятные условия для развития электронного бизнеса, достаточно высокий уровень образованности населения[4-А].

7. К основным проблемам, сдерживающим организацию и развитие электронного бизнеса в экономике региона, можно отнести: неразвитость общей и отраслевой инфраструктуры регионального и национального хозяйства. А именно: жёсткое налоговое бремя (до 40% прибыли); существование множества административно-бюрократических препон, тормозящих развитие электронного бизнеса, несовершенство институциональной среды для развития электронного бизнеса, наступающей на структурные формы реализации товаров и оказания услуг[11-А].

8. Развитие электронной торговли как ключевой формы электронного бизнеса в системе факторов развития региона зависит от двух показателей, характеризующих внешнюю и внутреннюю среду и влияющих на структуру экономики региона. К числу основных показателей деятельности электронного бизнеса в регионе относятся: эффективность использования экономического потенциала (товары, трудовые и финансовые средства); степень освоения информационных технологий, уровень технологического образования и др.; развитие креативных форм оказания услуг электронного бизнеса и продаж товаров через Интернет, другие формы осуществления электронного бизнеса[13-А].

9. Причинами неудовлетворённости развитием электронного бизнеса в экономике региона являются следующие: отдалённость центров с наличием интернет-сети от места жительства; неритмичный сигнал сети Интернет для ведения электронного бизнеса; несоблюдение режима работы; несоответствие рекламных услуг действительности; ограниченность

оказываемых услуг; слабая сетевая разветвлённость электронного бизнеса [8-А].

10. Для совершенствования механизма функционирования и правового регулирования электронного бизнеса как фактора развития экономики региона предлагаются: проверка условий деятельности субъектов с Интернетом, оказывающих услуги электронного бизнеса в экономике региона; прогнозирование развития потребности в электронных товарах и электронном бизнесе и вероятные направления развития электронного бизнеса и его элементов; регулярный мониторинг общественного мнения об условиях и возможности подключения к Интернету для ведения электронного бизнеса[9-А].

11. Структура электронного бизнеса должна обеспечить взаимосвязь элементов, входящих в неё, что зависит от технологического уровня производства. Сюда относятся: субъекты предпринимательства, участвующие в электронном бизнесе и производящие товары; услуги провайдерских центров; субъекты предпринимательства, участвующие в электронном бизнесе, и сферы электронного обслуживания в административных органах (хукуматах, милиции и органах власти); субъекты предпринимательства предоставляющие населению услуги электронного бизнеса (интернет-кафе, компьютерные центры, игровые центры и т.д.); субъекты электронного бизнеса, обслуживающие банки[14-А].

12. В программе пространственного расширения спектра деятельности электронного бизнеса в экономике региона следует предусмотреть: расширение сайтов пользователей (предприятий и организаций) в региональной и национальной экономике, обеспечивающих в полном объёме доступ к электронным средствам; проведение постоянного мониторинга потребностей населения в услугах электронного бизнеса и пожеланий пользователей; анализ результатов эффективности электронных операций; значительное повышение качества деятельности электронного бизнеса и уменьшение сроков проведения операций по доставке и оплате товаров и услуг[11-А].

13. Приоритетными направлениями расширения спектра деятельности электронного бизнеса являются: совершенствование механизма функционирования и особенностей регулирования электронного бизнеса в экономике региона на базе инновационных форм торговли. Также необходимо прогнозирование развития региона под воздействием расширения электронных форм бизнеса и пространственного расширения спектра его деятельности; оптимизация сети предприятий и развитие сетевого принципа организации электронного бизнеса; формирование эффективной инновационной среды как фактора сдерживания роста цен на товары и услуги и монополизации отдельных сегментов экономики[13-А].

## РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ПРАКТИЧЕСКОМУ ПРИМЕНЕНИЮ РЕЗУЛЬТАТОВ ИССЛЕДОВАНИЯ:

- Организация специальных выставок, просмотров товаров и услуг, реализуемых посредством электронной торговли[8-А].
- Расширение маркетинговой деятельности среди населения по развитию системы электронной торговли, электронной коммерции и субъектов предпринимательства предоставляющие населению услуги электронного бизнеса (интернет-кафе, компьютерные центры, игровые центры и т.д.)[13-А].
- Организация рациональной дислокации передаточных устройств, принимающих сигнал Интернета и использования единых унифицированных принципов деятельности электронного бизнеса блогерами Согдийской области [10-А].
- Создание условий использования прогрессивных и эффективных методов электронной торговли и повышение качества оказания услуг для пространственного расширения спектра деятельности электронного бизнеса в Деваштичском, Шахристанском, Джабборрасуловском, Айнинском, Зафарабадском районах и г. Бустон, Гулистон[8-А].
- Выделение целевых инвестиций для повышения технической оснащённости деятельности и услуги провайдерских центров субъектов электронного бизнеса, участвующих в электронном бизнесе, и сферы электронного обслуживания в административных органах (хукуматах, милиции и органах власти) Согдийской области[7-А].
- Налоговое стимулирование организации и размещения интернет-центров arzon.tj, avita.tj и субъектов электронного бизнеса, обслуживающие банки в шаговой доступности для населения[4-А].
- Налаживание и расширения электронных форм бизнеса, пространственного расширения спектра его деятельности, оптимизация сети предприятий и развитие сетевого принципа организации электронного бизнеса Kolin.TJ для более тесной и оперативной связи между предприятиями и интернет-центрами[4-А].
- Периодическая организация и проведение среди населения мероприятий по вовлечению граждан в электронную торговлю, деловые операции и сделки Somon.tj, Алиф банка, использующие информационную технологию, с гарантией более высокой экономической эффективности по сравнению с традиционным типом торговли[1-А].
- Установление льгот для установления Интернета по всей территории региона, в частности Деваштичского, Шахристанского и Айнинского районов Согдийской области для доступа к услугам электронного бизнеса[2-А].
- Проведение мониторинга деятельности и создание нормативно-юридических условий для взаимодействия всех субъектов региона и г. Худжанд, Бустон, Гулистон, Исфара и Канибадам, обслуживающих электронный бизнес[2-А].
- Расширение сайтов пользователей (предприятий и организаций) в региональной и национальной экономике, обеспечивающих в полном объёме доступ к электронным средствам arzon.tj, avita.tj и распространение

использования электронной коммерции в секторе B2B (business-to-business)[8-А].

- Создание технических условий для использования международной платёжной системы VISA и Mastercard, кобейджинговые карты платёжных систем UnionPay и НПС “Корти милли”[4-А].
- Проведение маркетинга среди населения по расширению возможностей и преимущества использования платежной системы «Корти милли» в электронной торговле, электронной коммерции субъектами предпринимательства[11-А].

## ПЕРЕЧЕНЬ НАУЧНЫХ ПУБЛИКАЦИЙ СОИСКАТЕЛЯ УЧЁНОЙ СТЕПЕНИ

**I. Статьи, опубликованные в рецензируемых изданиях рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан журналах:**

[1-А]. Холматова, Д.Н. Региональный электронный бизнес в системе рыночной экономики [Текст] Д.Н.Холматова//Вестник ТНУ. – Душанбе: СИНО, 2014. - № 2/4(152). - С.279-282.

[2-А]. Холматова, Д.Н. Место и роль регионального электронного бизнеса в повышении уровня жизни населения [Текст] Д.Н.Холматова// Вестник ТНУ. – Душанбе: СИНО, 2015. - № 2/2 (161). - С.235-239.

[3-А]. Холматова, Д.Н. Процесс развития электронного бизнеса в Республике Таджикистан [Текст] Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественные экономические науки. – Худжанд, 2018. - № 4(47). - С.151-155.

[4-А]. Холматова, Д.Н. Моделирование развития электронного бизнеса [Текст] Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественно-экономические науки. – Худжанд, 2018. - № 3(46). - С. 170-173

[5-А]. Холматова, Д.Н. Прогнозирование развития электронного бизнеса региона [Текст] Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественные экономические науки. – Худжанд, 2022. - № 2 (61). –С. 199 – 203.

[6-А]. Холматова, Д.Н. Вопросы развития электронного бизнеса в регионе (на примере Согдийской области) [Текст] А.Л.Кадыров, Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественные экономические науки. – Худжанд, 2022. -№ 3 (62). –С. 122 – 127.

**II. Научные статьи, опубликованные в сборниках других научно-практических изданиях:**

[7-А]. Холматова, Д.Н. Развитие электронного бизнеса в системе рыночной экономики // ПОТРЕБИТЕЛЬСКИЙ РЫНОК ЕВРАЗИИ: современное состояние, теория и практика в условиях Евразийского союза и ВТО//Сборник статей III Международной научно-практической конференции (30-31 марта 2015 г.). – Екатеринбург, 2015. – С.199 – 203.

[8-А]. Холматова, Д.Н. Факторы развития электронного бизнеса в Согдийской области [Текст] Д.Н.Холматова // Материалы областной научно-практической конференции “Процесс индустрализации страны: история и современное состояние” (1 ноября 2019 г.). – Худжанд, 2019. – С.198 – 202.

[9-А]. Холматова, Д.Н. Механизм функционирования и особенности регулирования электронного бизнеса[Текст] Д.Н.Холматова // Материалы областной научно-практической конференции “Процесс индустрализации страны: история и современное состояние” (1 ноября 2019 г.). – Худжанд, 2019. – С. 202 – 205.

[10-А]. Холматова, Д.Н. Концептуальные основы развития ээлектронного бизнеса [Текст] Д.Н.Холматова // Материалы областной научно-практической конференции “Процесс индустрализации страны: история и современное состояние” (1 ноября 2019 г.). – Худжанд, 2019. – С.86 – 89.

[11-А]. Холматова, Д.Н. Теоретико-методологические основы развития электронного бизнеса в экономике [Текст] М.И. Нуриддинова, Д.Н.Холматова, Дж.А. Ахмедов // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Развитие науки и практика её реализации в период формирования цифровой экономики» ( 24-25 декабря 2019 г.). Худжанд, 2019. – С.89 – 92.

[12-А]. Холматова, Д.Н. Оценка влияния электронного бизнеса на развитие регионов [Текст] Д.Н.Холматова // Глобальная наука и инновации - 2020: Центральная Азия Серия: Экономические науки. – Нур-Султан, Казахстан. – 2020. - № 6 (11). – С. 11-14.

[13-А]. Холматова, Д.Н. Пространственное расширение спектра деятельности электронного бизнеса в предпринимательском секторе [Текст] Д.Н.Холматова // Материалы республиканской научно-практической конференции «Актуальные проблемы естественных, точных и математических наук в развитии промышленности страны», посвящённой изучению и развитию естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования 2020-2040 гг. (26 февраля 2022 г.). - Бустон, 2022.– С.114 – 117.

**МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ-33Т**
**ТКБ-65.(5ТАДЖ)29**

**ХОЛМАТОВА ДИЛДОРА НАДЖМИДДИНОВНА**

# ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

**Автореферат**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**Хуҷанд – 2023**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Қодиров Абдураҳмон Лакимович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти илмӣ – тадқиқотии рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷӯрабоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон |
| | **Муқимова Наргис Рустамовна,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идоракунии истеҳсолоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд |

Ҳимояи диссертатсия «____»______ соли 2023 соати ____ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон суроға: 735700, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 2, e-mail: ds.tsulbp@mail.ru, баргузор мегардад, телефони котиби илмӣ: (+992) 92 771-13-42.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон http://ds.tsulb.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _______________ соли 2023 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Самадова З.А.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон шаклҳои мухталифи соҳибкории инноватсионӣ, аз ҷумла тиҷорати электронӣ, ки бо амиқрафти рақамигардонии иқтисодиёт алоқамандаст, беш аз пеш паҳн мешаванд. Аз ин мавқеъ, рушди муносибатҳои молию пулиро дар шакли электронӣ чун омили рақамигардонии иқтисодиёт баррасӣ кардан мумкин аст, ки меҳвари раванди истифодаи технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионии дар ҳар минтақаи алоҳидаи мавриди таҳқиқ қароргиранда ба шумор меравад.

Тараққӣ кардани тиҷорати электронӣ чун омили суръатафзоии рақамигардонии иқтисодиёти минтақа боиси гузариши он ба намуди рушди инноватсионӣ мегардад.

Дар ин қарина дар сомонаи расмӣ қайд шудааст, ки “Бо назардошти нақши муҳимми тиҷорати электронӣ чун омили рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат пешниҳод гардид, ки шароит ва инфрасохтори бахш барои гузаштан аз тиҷорати анъанавӣ ба электронӣ дар мамлакат мустаҳкам карда шавад... Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдо ва Маркази миллии қонунгузорӣ супориш дод, ки якҷоя бо дигар вазоратҳои соҳавӣ ва идораҳо дар муҳлати кӯтоҳтарин оид ба таҳияю қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тиҷорати электронӣ” корҳоро ба анҷом расонанд, дар бобати дарбар гирифтани талабот, қоидаҳо ва расмиёти ташкили фаъолият дар ин соҳа тадбирҳои зарурӣ андешанд. Сарвари давлат ба идораҳои соҳавӣ супориш дод, ки барои гузариши мавзун аз низомҳои анъанавӣ ба рақамӣ бо назардошти масъалаҳои муҳими соҳа, аз ҷумла пурра ҷорӣ намудани технологияҳои электронӣ дар фаъолияти тиҷоратӣ, истифодаи васеи кортҳои бонкӣ ва мобилӣ, ихтисори савдо бо нақдина, ҷорӣ намудани чекҳои электронӣ ва дигар ҷанбаҳои рушди соҳа тадбирҳои муассир андешанд”.[3] Аз ин ҷо бармеояд, ки солҳои охир масъалаҳои ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар маркази диққати ҳукумати мамлакат қарор доранд, ки аз муҳиммияти ин масъала дар хоҷагии халқ дар шароити муосир шаҳодат медиҳад.

Вале аз хотир фаромӯш кардан лозим нест, ки тиҷорати электронӣ танҳо дар асоси истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, навовариҳои технологӣ, навгониҳо ва сохторҳои пешқадами ташкилии идоракунӣ бомуваффақият инкишоф карда метавонад. Мавҷудияти омилҳои мазкур дар ҳар минтақаи алоҳида ба таври объективӣ барои рушди интенсивии истеҳсолот, ташаккули иқтисодиёт, ки ба дониш асос ёфтааст, заминаҳо фароҳам меорад.

Дар бобати иқтисодиёти вилояти Суғд бошад қайд кардан зарур аст, ки дар марҳилаи ҷорӣ тиҷорати электронӣ дар ин ҷо дар давраи пайдоиш қарор

---

[3] Иштирок дар ҷаласаи XXII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ( аз 16 марти 2022 сол. Ш. Душанбе) // http://president.tj/ru/node/27937 [Санаи муроҷиат 12.11.2022]

дорад: ташаккули муносибатҳои савдою молӣ дар пояи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ шурӯъ мешавад.

Ҳамзамон бо амиқрафти истифодаи технологияи компютерӣ дар истеҳсоли молу хизмат, махсусан идоракунии электронии муносибатҳои бозорӣ дар микро- ва макромиқёс дар рушди соҳаи соҳибкорӣ марҳилаи нав оғоз меёбад. Вале қайд кардан зарур аст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд инкишофи тиҷорати электронӣ аз дастрасӣ ба шабакаи Интернет ва истифодаи васеи он вобаста аст.

Бо назардошти афзоиши рӯзафзуни ҷаҳонишавии равандҳои идорокунии рушди ҷамъиятию иқтисодӣ, муносибати бепарвоёна ба инкишофи тиҷорати электронӣ метавонад омили боздорандаи болоравии некӯаҳволии аҳолии минтақа шавад. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло, алҳол таҳқиқи тиҷорати электронӣ чун заминаи муҳимми суръатафзоии гузариши иқтисодиёти минтақа ба таркибаҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт ва амалияи ватанӣ самти мубрам ба шумор меравад.

Аввалан, мантиқи рушди иқтисодиёти минтақавӣ дар он аст, ки чи қадаре ки сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда баланд бошад, талаботи иқтисодиёт ба тиҷорати электронӣ ҳамон қадар чи аз лиҳози сохтор амиқ ва васеъ мегардад ва баръакс. Сониян, минтақаҳо чун таркибаҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро машрутсозандаи хоҷагии ягонаи миллӣ ва ҷаҳонӣ ба нақши пешбарандаи фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла тавсеаи спектри фаъолияти тиҷорати электрониро эҳтиёҷ доранд. Ва ин бояд гузариши “мавзун ва босуръат”-и иқтисодиёти минтақавиро ба масири рушди инноватсионӣ дар умум таъмин кунад.

Сабаби ба қадри кофӣ инкишоф наёфтани тиҷорати электронӣ чун шакли соҳибкорӣ дар минтақа мавҷуд набудани стратегияи рушди он, ҳамчунин коркардҳои дорои хусусиятҳои методӣ, принсипҳо ва тарзҳои муайян кардани ҳиссаи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа мебошад.

Ҳамаи ин саривақтӣ будани таҳқиқи тиҷорати электрониро дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа таъкид мекунад, ки он мубрамият ва аҳаммиятнокии кори диссертатсиониро муайян менамояд.

**Дараҷаи тадқиқи мавзуи илмӣ.** Тадқиқоти мухталифи илмии назариявӣ ва методологӣ ва асосноксозии бизнес, нақши он дар рушди иқтисодӣ, беҳтар шудани шароит ва сифати ҳаёти аҳолӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, масъалаҳои мазкур дар асарҳои олимони хориҷӣ, аз қабили Г. Бенеско, Дэвид Козйе, М. Рейнолдс, К. Нейгел, Н. Ҷерк баррасӣ шудаанд.

Баъзе аз ҷанбаҳои ташкили тиҷорати электрониро муҳаққиқони русиягӣ, аз ҷумла Аралабаева Ф.З., Гранберг А.Г., Плишевский Б.П., Степанченко Е., Мамикин А.А., Катаев А.В., Жучков И., Афанасев Л.К., Бабенко Л.С., Лувенская В.В., Мартинова В.А., Соколова И. ва дигарон таҳқиқ кардаанд.

Ба таҳқиқи тарафҳои мухталифи соҳибкорӣ, истифодаи технологияҳои электронӣ дар бозори истеъмолӣ ва савдои молҳо, инкишофи муносибатҳои

тиҷоратӣ М.М.Шарифзода, Ф.Х.Азизов, А.А.Бойматов, Р.К.Раҷабов, Т.Р.Ризоқулов, С.А.Ғозибеков, С.Х. Ҳабибов ва дигарон машғул шудаанд.

Масъалаҳои мухталифи инкишофи тиҷорати электронӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт дар асарҳои А.Л.Қодиров, Г.Ҷӯрабоев, А.А.Назаров, Р.Исоев, Х.Т.Мақсудов, Х.А.Худойбердиев, А.Абдуллоев, Л.Н.Расулова ва дигарон нисбатан мушаххастар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди сершумории корҳои илмӣ дар илми ватанӣ тадқиқоте, ки махсус ба масъалаҳои инкишофи тиҷорати электронӣ бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад. Ин масъала махсусан бо афзоиши аҳаммияти рақамигардонии иқтисодиёт тибқи барномаҳои давлатии рушди минтақаю ҷумҳурӣ ва беҳтар намудани сатҳи ҳаёти аҳолӣ беш аз пеш мубрамият касб мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бо барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” дар қаринаи ташаккули модели саноатию аграрии рушд, ҳамчунин бо барномаю стратегияҳои давлатии “Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2025”, “Барномаи рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2023-2027”, “Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, №642 аз 30.12.2019 алоқа дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ инкишофи муқаррароти назарию методӣ, ҳамчунин коркарди тавсияҳои амалӣ мебошад, ки ба тавсеаи тиҷорати электронӣ чун омили рушди иқтисодиёти минтақа равона карда шудаанд.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Мутобиқан бо мақсади муайян гардида дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои зерин ба миён гузошта, ҳал карда шудаанд:

- таҳқиқ намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва тавсифи моҳиятии тиҷорати электронӣ;

- муайян кардани заминаҳои илмии тиҷорати электронӣ чун омили рушди иқтисодиёти минтақа;

- омӯхтани таҷрибаи хориҷии ташкил ва рушди тиҷорати электронӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа;

- арзёбӣ кардани вазъи инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд;

- ошкор сохтани омилҳои таъсиррасон ба ташкил ва инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа;

- коркарди моделиронии иқтисодӣ-математикии алоқаи мутақобилаи тиҷорати электронӣ бо рушди низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа;

- пешниҳод кардани тадбирҳо оид ба такмили механизмҳои фаъолият ва тавсеаи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие ба ҳисоб меравянд, ки бо таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи бизнес, ки ба рушди иқтисодиёт мусоидат мекунанд, вобастаанд.

**Предмети таҳқиқот** тавсеаи шаклҳои электронии фаъолияти савдо дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба шумор меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар тахмини илмӣ дар бораи инкишофи тиҷорати электронӣ чун заминаи суръатафзоии раванди рақамигардонии иқтисодиёти минтақа дар самти таъмини истифодаи самараноки иқтидори рушди он инъикос меёбад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони ҷаҳон, мамлакатҳои ИДМ ва ҷумҳурӣ дар бораи ташкили бизнес-фаъолият, тиҷорати электронӣ, инкишофи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти минтақа ташкил кардаанд. Назарияи тиҷорати электронӣ, кибернетика ва назарияи иттилоот, назарияи сиклҳои иқтисодии консепсияи таъмини иттилоотии иқтисодиёт аз ҷумлаи ҷанбаҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта мебошанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсад ва иҷрои вазифаҳои ба миён гузошта методҳои таҳқиқоти иқтисодӣ, аз ҷумла таҳлили оморию иқтисодӣ, арзёбии коршиносӣ ва ояндабинӣ, таҳқиқи монографӣ истифода шудаанд. Ҳангоми асоснок сохтани муқаррароти алоҳидаи диссертатсия ҳамчунин пурсишҳои анкетӣ ва методҳои коршиносии гирифтани иттилоот низ корбаст гардидаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Бо сифати додаҳои расмии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан оид ба субъектҳои вилояти Суғд, нашрияҳо дар матбуоти даврӣ, санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи инкишофи тиҷорати электронӣ, додаҳои ояндабинӣ ва ҳисобкуниҳои муаллиф ва додаҳо аз шабакаи Интернет ташкил кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** асарҳои бунёдии олимони хориҷаи дуру наздик оид ба масъалаҳои ташкили бизнес-фаъолият, тиҷорати электронӣ дар минтақа, ҳамчунин Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурҳои Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии Мақомоти давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тиҷорати электронӣ” ташкил мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии назариявию методӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳо оид ба инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа зоҳир мегардад.

Ба натиҷаҳои асосии кори илмӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, муқаррароти зерин мансубанд:

- консепсияҳои илмии тиҷорати электронӣ низомбандӣ карда шудаанд, ки он имкон дод ба мундариҷаи тиҷорати электронӣ тасҳеҳ ворид карда шавад. Мувофиқи тасҳеҳ: “Тиҷорати электронӣ амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, технологияҳои пешқадами иттилоотию коммуникатсионӣ дар пойгоҳи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет мебошад, ки мақсади гирифтани меъёри баланди фоидаро пайгирӣ мекунад”;

- заминаҳои инкишофи тиҷорати электронӣ, аз ҷумлаи инкишофи шабакаи Интернет-маркетинги низомҳои пардохти электронӣ (онлайн-пардохтҳо), интиқолҳои бонкии электронӣ, пули электронӣ, ҳамчунин тақсими бизнеси электронӣ аз рӯи аломати ҳудудӣ ба маҳаллӣ ё локалӣ, минтақавӣ, байниминтақавӣ, миллӣ ва байналхалқӣ асоснок карда шудааст. Исбот шудааст, ки инкишоф ёфтани тиҷорати электрониро дар ҳар минтақа индикаторҳои зерин муайян мекунанд: -мавҷудияти шабакаи Интернет, тарофа ва суръати Интернет, сифати низомҳои пардохти электронӣ, шуғли аҳолӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мавҷудияти пойгоҳи қонунгузорӣ оид ба рақамигардонии иқтисодиёт, миқдори интернет-мағозаҳо, ҳамёнҳои электронӣ, ҳаҷми амалиётҳои пардохтии электронӣ.

- таҷрибаи хориҷии ташкили тиҷорати электронӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт, ки тибқи он пешсафон дар ин бахш ошкор карда шудаанд: Хитой, ИМА, Британиёи Кабир, Олмон ва Ҷопон. Қобили қабул будани таҷрибаи Хитой барои инкишоф додани тиҷорати электронӣ дар минтақа асоснок сохта шудааст. Ба таҷрибаи мазкур унсурҳои зерин дохил мешаванд: мавҷудияти лигаи андоз барои субъектҳои тиҷорати электронӣ, ба аҳолӣ пешниҳод кардани платформаи электронии дорои арзиши пасти тарофа, дар ҳар фурӯшгар мавҷуд будани Интернет-мағозаи худӣ, паҳн шудани низоми тахфифот дар тиҷорати электронӣ;

- асоснок карда шудааст, ки тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғд дар давраи ибтидоӣ қарор дорад ва ба таври истисно ба бозори дохилӣ самтгирӣ мекунад, миқдори субъектҳои он маҳдуд буда, калонтарини онҳо somon.tj, kolin.tj, arzon.tj, avita.tj. мебошад. Исбот шудааст, ки бо вуҷуди мавҷудияти пойгоҳи зарурии қонунгузорӣ барои инкишофи рақамигардонии иқтисодиёт дар минтақа алҳол тиҷорати электронӣ тараққӣ накардааст. Сабабҳои ин вазъият ошкор карда шудааст: суръати пасти Интернет; гаронии нархи хизматрасониҳои Интернет; маҳдудияти қобилияти харидорӣ; нарасидани малакаю дониш дар соҳаи рақамигардонӣ дар аксарияти аҳолӣ; рақобатнопазирии истеҳсолгарони ватанӣ дар инкишофи тиҷорати электронӣ.

Омилҳои таъсиррасон ба инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд ошкор карда, ба мусбату манфӣ низомбандӣ гардидаанд. Исбот гардидааст, ки ба гурӯҳи якум мансубанд: сиёсати “дарҳои кушода” дар мамлакат; пойгоҳи қонунгузорӣ; динамикаи ММД, тараққӣ кардани рақобат, тавсеаи шабакаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; зиёд шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ, инкишоф

ёфтани соҳаи хизматрасонӣ; сатҳи воруди интернет-технологияҳо. Ба гурӯҳи дувум мансубанд: нокофӣ будани сатҳи тайёрии касбии аҳолӣ; арзиши баланди интернет-хизматрасониҳо, инкишоф наёфтани инфрасохтори мувофиқ ва низомҳои пардохти электронӣ; норасоии сармоягузорӣ ба соҳаи тиҷорати электронӣ;

- модели иқтисодию математикӣ коркард шудааст, ки афзоиши талаботи аҳолиро ба хизматҳои тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғди Тоҷикистон вобаста аз сатҳи ба даст омадаи истеҳсоли МММ ба ҳар сари аҳолӣ, маоши миёнаи ҳармоҳа, даромад ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаҷми қарз ва хизматҳои пулакӣ ба ҳар сари аҳолӣ тавсиф мекунад. Исбот карда шудааст, ки байни онҳо алоқаи зич мавҷуд аст, афзоиши МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва сатҳи даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ омили афзалиятноки таъсир ба ҳисоб меравад;

- маҷмуи тадбирҳои тавсиявӣ оид ба такмили механизми фаъолият ва инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, таъмин кардани дастрасии шабакаи Интернет дар тамоми фазои минтақа; паст кардани арзиши Интернет-тарофаҳо; таҷдиди низоми пардохтҳои электронӣ; зарурати ба вуҷуд овардани инфрасохтори ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидор оид ба рақамигардонии фаъолияти худӣ ва ғайра.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

- консепсияҳои мухталифи инкишофи тиҷорати электронӣ низомбандӣ ва ба дастгоҳи мафҳумии таҳқиқ тасҳеҳ ворид карда шуд;

- заминаҳои илмии ташкили тиҷорати электронӣ чун омили рушди иқтисодиёти минтақа ошкор ва асоснок карда шудаанд;

- таҷрибаи хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва қобили қабул будани он барои инкишофи тиҷорати электронӣ дар минтақа асоснок карда шуд;

- тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғд арзёбӣ гардид; зарурати ташаккули пойгоҳи қонунгузорӣ исбот шудааст, сабабҳои инкишоф наёфтани тиҷорати электронӣ дар минтақа ошкор карда шудааст;

- омилҳои таъсиррасон ба инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти Суғд ошкор ва низомбандӣ карда шудаанд;

- модели иқтисодию математикӣ коркард шудааст, ки афзоиши талаботро ба хизматҳои тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғди Тоҷикистон вобаста аз вазъи бадастомада тавсиф мекунад;

- маҷмуи тадбирҳои тавсиявӣ оид ба такмили механизми фаъолият ва инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии таҳқиқот консепсияи ташкили соҳибкорӣ, ташкили бизнес-фаъолият ва тиҷорати электрониро дар минтақа ғанӣ мегардонанд.

Ташкили тиҷорат ва савдои электронӣ як қатор масъалаҳои марбут ба танзими андоз ва гумрукии фаъолияти корхонаҳо ва дигар объектҳои тиҷорати электрониро ҳал мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар коркарди маҷмуи пешниҳодҳо ва тавсияҳое зоҳир меёбад, ки барои истифода чун тадбири дастгирии бизнес-фаъолият, тавсеаи доираи бизнес-фаъолияти тиҷорати электронӣ дар минтақа қобили қабуланд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба идораи рушди иқтисодӣ ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ (маълумотнома дар бораи татбиқ №9/1[a] аз 22.01.2022) пешниҳод шудаанд ва дар раванди таълим дар МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" истифода мешаванд (маълумотнома дар бораи татбиқ № 01/2808 аз 01.06.2022) .

Баъзе аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалияи раванди таълим дар тадриси фанҳои "Назарияи иқтисод", "Макроиқтисодиёт", "Асосҳои иқтисодиёти бозорӣ", "Танзими давлатии иқтисодиёт", "Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт", "Иқтисодиёти рақамӣ" истифода мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**ро он нукта муайян мекунад, ки дар кори илмӣ муносибатҳои илмие истифода шудаанд, ки ба додаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар бораи ба амалия ҷорӣ намудани хулосаю пешниҳодҳои дар ин таҳқиқот таҳия шуда асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба феҳристи ихтисосҳои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар тартиб додани нақшаи таҳқиқот, пешбурди кори илмӣ, коркарди навгониҳои илмӣ ва муқаррароти илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, дар нашри мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои мухталиф зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои гуногун, семинарҳо ва интишорот ироа гардидаанд. Аз ҷумла, дар конференсияи III байналхалқии илмию амалии "Бозори истеъмолии Авроосиё: вазъи муосир, назария ва амалия дар шароити иттиҳоди Авроосиё ва СУС" (Екатеринбург, 31 март соли 2015), конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии "Инкишофи илм ва амалияи татбиқи он дар давраи ташаккули иқтисоди рақамӣ" (Хуҷанд, 24-25 декабри соли 2019), конференсияи илмию амалии вилоятии "Раванди саноатикунонии мамлакат: таърих ва вазъи муосир" (Хуҷанд, 1 ноябри соли

2019). Конфронси байналмилалии Донишгоҳи федералии ҷанубӣ "Технологияҳои интеллектуалӣ барои ҷомеа, ҳукумат, иқтисод" (9-10 феврали соли 2023), Ростов-на-Дону Федератсияи Русия (springer, дар Scopus Q4 индексатсия, Web of Science Core Collection). Натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчунин дар маҷаллаҳои илмӣ дар феҳристи КОА сабти номбаршуда чоп гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия** дар 13 кори илмӣ бо ҳаҷми умумии 6,3 ҷ.ч., аз ҷумла шаш мақола дар нашрияҳои тақризшавандае, ки ба феҳристи барои нашр тавсиядодаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо, рӯихати манбаъҳою сарчашмаҳо, ки 187 номгӯйро дарбар мегирад, 173 саҳифа матни компютерӣ иборат мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар боби якум – "Муносибатҳои назариявию методӣ ба таҳқиқи нақши тиҷорати электронӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа"-** мундариҷа, ҷанбаҳои методии инкишоф ва ташкили тиҷорати электронӣ баррасӣ шудаанд.

Инкишофи пурҷӯшу хурӯши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҷорӣ намудани онҳо ба низоми идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар охири асри XX боиси инкишофи чунин самти илмӣ мисли тиҷорати электронӣ гардид, ки алҳол дар иқтисоди Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Рушди бусуръати технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи Интернет дар иқтисодиёти ҷаҳон тиҷорати электрониро ба омили рушди иқтисодии ҳам мамлакат ва ҳам умуман минтақаҳои он табдил медиҳад.

Ин шакли бизнес чун яке аз соҳаҳои аз ҳама босарфа ва босуръати фаъолият дар асри XXI якчанд маротиба имконияти пешбурди бизнес ва гардиши молу хизматрасониро зиёд кард. Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ марҳилаҳои зерини инкишофи тиҷорати электрониро ҷудо мекунанд:

Марҳилаи якум (солҳои 1960-1970) пайдошавии мошинҳои электронии ҳисоббарорӣ (МЭҲ), таҳияи низоми шабакаҳои компютерӣ ва коркарди модели мубодилаи иттилоот. Дар марҳилаи дувум (солҳои 1970-1980) аввалин микропротсессорҳо ва кортҳои хотира, консепсияи ташаккули шабакаҳои компютерӣ коркард шуданд. Марҳилаи севум (солҳои 1980-1990) Интернет- фазоҳо таъсис ёфтанд, низомҳои автоматиконидаи идоракунии фондҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд омаданд, принсипҳои тиҷорати электронӣ пайдо шуданд. Марҳилаи чаҳорум (солҳои 1990-2000) – Шабакаи умумиҷаҳонӣ World Wide Web, EDI (мубодилаи электронии додаҳо) коркард шуд, принсипҳои инкишофи тиҷорати электронӣ бунёдан дигар шуданд. Марҳилаи панҷум (солҳои 2000 – то давраи муосир) афзоиши фавқулодаи истеъмолгарони шабакаи Интернет ба вуқуъ пайваст, низоми савдои электронӣ бо истифодаи суроғаи электронӣ коркард шуд.

Айни замон дар сарчашмаҳои илмии иқтисодӣ мафҳуми “тиҷорати электронӣ” тез-тез дучор мешавад, бинобар ин зарур аст, ки ба мундариҷаи он равшанӣ андохта шавад. Таърифҳои аз ҳама аҳаммиятноки “тиҷорати электронӣ” дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. – Таърифҳои мухталифи истилоҳи “тиҷорати электронӣ” дар илм**

| Муаллиф ва мундариҷа | |
|---|---|
| Финансово-кредитный энциклопедический словарь. Электронный бизнес. М: Финансы и статистика: Под общ. ред. А.Г. Грязновой, 2002. | Тиҷорати электронӣ – фаъолнокии дилхоҳи корӣ мебошад, ки имконияти шабакаҳои глобалии иттилоотиро барои дигаргунсозии алоқаҳои дохилӣ ва беруна ба мақсади ба вуҷуд овардани фоида истифода мебарад |
| Пушкарь А. И. Стратегическое управление развитием электронного бизнеса и информационных ресурсов предприятия (модели, стратегии, механизмы) / А. И. Пушкарь, Е. Н. Грабовский, Е. В. Пономаренко. – Харьков : ХНЭУ, 2005. – 487 с. | Тиҷорати электронӣ фаъолияти тиҷоратиест, ки тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани силсилаи ҳамгирои арзиши иловашуда амалӣ гардонида мешавад |
| Катаев А.В. Электронный бизнес и электронная коммерция: основные понятия.kataev.ru› | Тиҷорати электронӣ шакли пешбурди тиҷорат аст, ки ҳангоми он қисми назарраси тиҷорат ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ (шабакаҳои маҳаллӣ ва глобалӣ, таъмини махсуси барномавӣ ва ғайра) иҷро мешавад |
| http://www.forrester.com/ - Сайт исследовательской компании Forrester Research, выполняющей всесторонний анализ мировой интернет-экономики | Тиҷорати электронӣ фаъолиятнокии дилхоҳи корӣ мебошад, ки имкониятҳои шабакаҳои иттилоотии глобалиро барои дигаргунсозии алоқаҳои дохилӣ ва беруна ба мақсади ба вуҷуд овардани фоида истифода мебарад |
| Brian Halligan. Inbound Marketing. Attract, Engage, and Delight Customers Online. 2014. | Тиҷорати электронӣ фаъолияти ташкилот дар асоси интернет-технологияҳо мебошад, ки дар он ҳамаи бизнес-равандҳо автоматонида шудаанд. |
| Nitya L. Karmakar. «Global Forum/Shaping the Future 2005» / N. L. Karmakar. - Agenda for Today Growth of E-Business, 2005. | Тиҷорати электронӣ тиҷорати дилхоҳест, ки бо воситаҳои рақамии иттилооти оммавӣ гузаронида мешавад. Он на танҳо фурӯши молу хизматҳоро бевосита аз Интернет, балки хизматрасониҳоро бо муштариён ва ҳамкорӣ бо бизнес-шариконро дарбар мегирад |
| Успенский И. В. Интернет как инструмент маркетинга. – СПб. : Питер, 2001 | Тиҷорати электронӣ фаъолнокии дилхоҳи корист, ки имкониятҳои шабакаҳои иттилоотӣ-глобалиро барои дигаргунсозии алоқаҳои дохилӣ ва |

**Идомаи ҷадвали 1.**

| | |
|---|---|
| | берунӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани фоида истифода мебарад |
| Вильхивская О. В. Сущность понятия «электронный бизнес» и этапы его развития. // БІЗНЕСІНФОРМ .- 2012. – № 8. – С.262. | Тиҷорати электронӣ фаъолияти ташкилот дар асоси интернет-технологияҳо мебошад, ки дар он ҳамаи бизнес-равандҳо автоматонида шудаанд: дар асоси истифодаи захираҳои иттилоотӣ инкишоф меёбад ва силсилаи арзиши иловашударо ба вуҷуд меорад |
| Kleindl B. A. Strategic Electronic Marketing : Managing E-Business / B. A. Kleindl. – Mason : Thomson, 2002. – 428 с. | Раванди пешбурди бизнес бо истифодаи технологияҳои компютерӣ мебошад, ки на танҳо истифодаи Интернет, балки дигар технологияҳоро, ки амалияи маркетингиро тағйир медиҳанд, дарбар мегирад |
| Deitel H. M. e-Business and e-Commerce for Managers / H. M. Deitel, P. J. Deitel, K. Steinbuhler. – Upper Saddle River : Prentice-Hall, 2001. – 794 с. | Тиҷорати электронӣ компанияе мебошад, ки алоқаҳои беруна ва дохилаи он бо ёрии Интернет амалӣ мегардад ва дар Интернет онлайн -хузур дорад |
| **Таърифи муаллифӣ** | |
| Тиҷорати электронӣ амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва технологияҳои пешқадами иттилоотию коммуникатсионӣ дар пойгоҳи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет мебошад, ки мақсадаш ба даст овардани меъёри баланди фоида аст. | |

Нуктаи назари олимони иқтисоддонро таҳлил карда, ба хулосаи умумӣ омадан мумкин аст, ки ба унсурҳои тиҷорати электронӣ тиҷорати электронӣ, пулҳои электронӣ, маркетинги электронӣ, мубодилаи электронии иттилоот (EDI), бонкинги электронӣ ва ғайра мансубанд.

Тавсеаи тиҷорати электронӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад: имкониятҳои истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи савдо; фаъолияти ҳамгуншудаи субъектҳои савдо, ки ба амалияи дахлдори ҷаҳонӣ бо назардошти хусусиятҳо ва ҳувияти ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад; содагии нисбӣ; имконияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, шабакаи Интернет дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; тахти назорати ҳам бозор ва ҳам давлат қарор гирифтан ва аз ҷониби онҳо танзим шудан; истифодаи шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ, аз ҷумла шарикии давлатию хусусӣ; гуруҳбандӣ шудани истеъмолгарон; фаврияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ.

Дараҷаи рушди тиҷорати электрониро дар пойгоҳи таҳқиқи меъёрҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст: сатҳи воруди шабакаи Интернет, тарофа ва суръати Интернет; мавҷудият ва сифати низомҳои пардохти электронӣ; шуғлнокии аҳолӣ дар соҳаи бизнеси рақамӣ; пойгоҳи қонунгузории мамлакат дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ; теъдоди интернет-мағозаҳо; микдору ҳаҷми амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ.

Ба соҳаи фаъолияти корхонаҳое, ки бо тиҷорати электронӣ машғуланд, риштаҳои зеринро мансуб донистан мумкин аст: маркетинги электронӣ ё Internet-маркетинг, қабули супориш ба мол ва пардохти он бо истифодаи суроғаи электронӣ, дастраскунӣ ва хизматрасонӣ ба муштарӣ.

Хитой, ИМА, Бритониёи Кабир, Ҷопон ва Олмон дар соҳаи савдои электронӣ пешсаф ҳисоб мешаванд. Дар Хитой тиҷорати электронӣ бо сабабҳои зерин хеле ривоҷ ёфтааст: ба субъектони тиҷорати электронӣ барои рӯпӯш кардани хароҷот аз 20%  то 70% имтиёз пешкаш мешавад; арзиши пасти Интернет-тарофа; қариб ҳар як фурӯшгар Интернет-мағозаи худро дорад; "флеш-фурӯшҳо" паҳн шудаанд; e-mail маркетинг ривоҷу равнақ пайдо кардааст.

Дар ИМА тиҷорати электронӣ асосан дар соҳаи фурӯши яклухт (қариб 30%) инкишоф ёфтааст, бештар аз нисфи мағозаҳо дар онлайн реҷа кор мекунанд. Аз рӯи инкишофи тиҷорати рақамӣ Бритониёи Кабир дар ҷаҳон ҷои сеюмро ишғол мекунад. Дар ин ҷо модели "click and collect (онлайн супориш додӣ – оффлайн бигир)" паҳн шудааст. Хусусияти хоси рушди тиҷорати рақамӣ дар Ҷопон ин аст, ки 80% аҳолӣ дар Интернет-мағоза харид мекунанд.[4] Дар Аврупо Олмон аз рӯи гардиши бозори тиҷорати электронӣ ҷои дувумро ишғол мекунад, дар ин ҷо сатҳи вуруди Интернет нисбатан баланд аст. Интернет унсури асосии тиҷорати рақамӣ мебошад, тарофа ва суръати он низ ба рушди тиҷорати электронӣ таъсир мерасонад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Рейтинги баъзе кишварҳои ҷаҳон аз рӯи қимати интернети мобилӣ дар соли 2021**

| Кишварҳои ҷаҳон | Ҷойгир дар рейтинг | Нарх (бо доллари ИМА) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Нархи арзонтарин (барои 1 Гб) | Нархи гаронтарин (барои 1 Гб) | Нархи миёна (1 Гб) |
| Исроил | 1 | 0,02 | 20,95 | 0,05 |
| Қирғизистон | 2 | 0,10 | 7,08 | 0,15 |
| Руссия | 6 | 0,13 | 1,86 | 0,29 |
| Чин | 17 | 0,30 | 1,21 | 0,52 |
| Казоқистон | 20 | 0,25 | 2,35 | 0,59 |
| Ӯзбекистан | 21 | 0,01 | 23,75 | 0,60 |
| Украина | 31 | 0,14 | 35,88 | 0,75 |
| Афғонистан | 54 | 0,38 | 2,12 | 1,02 |
| Британияи Кабир | 78 | 0,11 | 71,29 | 1,42 |
| Тоҷикистон | 132 | 0,87 | 13,12 | 2,60 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси : https://nonews.co/directory/lists/countries/average-price-mobile-internet

Таҳлили додаҳои ҷадвал исбот месозад, ки Интернети аз ҳама арзон дар Исроил аст. Дар рейтинг Исроил ҷои якумро ишғол мекунад. Нархи миёнаи як Гб Интернет 0,05 доллари ИМА аст. Ҷои дувумро Қирғизистон ишғол мекунад, ки нархи миёнаи 1 Гб Интернет 0,15 доллари ИМА. Агар нархи

[4] Чаканаи онлайн як соҳаи самти муосири фуруш аст, ки робитаи мутақобила бо шунавандагонро васеъ мекунад.

тарофаи Интернетро дар байни мамлакатҳои Осиёи Миёна муқоиса кунем, Интернети аз ҳама қимат дар Тоҷикистон (2,60 доллари ИМА) аст. Нархи миёнаи 1 Гб тарофаи Интернет дар Қазоқистон 0,59 доллари ИМА-ро ташкил мекунад. Ҷойҳои боқимондаро мутаносибан Ӯзбекистон – 0,75 доллар, Афғонистон – 1,02 доллари ИМА ишғол мекунанд. Аз додаҳои ҷадвал ба хулоса расидан мумкин аст, ки қимат будани нархи тарофаи Интернет дар Тоҷикистон дар роҳи рушди тиҷорати электронӣ монеа ба ҳисоб меравад.

**Дар боби дувум – "Вазъи муосир ва рушди тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғд"** – таъсири тиҷорати электронӣ ба сохтори соҳавии иқтисодиёти вилояти Суғд ва моделиронии алоқаи мутақобилаи тиҷорати электронӣ ба рушди низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа баррасӣ шудааст.

Рушди пурҷӯшу хурӯши технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ тарзи ҳаёти одамон, рафтори онҳо, тарзи кор, ҳамчунин методҳои пешбурди бизнесро бунёдан тағйир дод. Маҳз истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ба гузариши босуръат аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ мусоидат мекунад. Тиҷорати электронӣ чун механизм қариб ба ҳамаи амалиёти савдо таъсир мерасонад. Назаррас афзудани суръати бизнес-амалиёт, ки ҳангоми он чунин омилҳо, мисли вақт ва масофа аҳамияташонро гум мекунанд, аз он ҷумла мебошад. Маҳз ҳамин нишондиҳанда дараҷа ва тамоюли рушди тиҷоратиро дар мамлакатҳои ҷаҳон муайян мекунад.

Шабакаи Интернет барои амалӣ гардонидани амалиёти савдо (хариду фурӯши мол ва хизмат) имкониятҳои махсусро пешниҳод мекунад, ки тибқи инкишофи он вусъат меёбанд. Чунин имкониятҳоро, аз қабили майдончаи Интернет дар вилояти Суғд бисёр ширкатҳо истифода мебаранд, Somon.tj дар байни онҳо маъруфияти махсус пайдо кардааст. Дар ин портал қариб 35 ҳазор эълон дар бораи фурӯши мол ё пешниҳоди хизмат ҷойгир шудааст.

Ҳангоми ҳал кардани масъалаи инкишофи низоми ҳисобҳои ғайринақдӣ бо мақсади коҳиш додани ҳаҷми нақдина дар муомилот рушди бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Ба мақсади ҳалли масъала Бонки миллии Тоҷикистон дар минтақаҳо якҷоя бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба тавсеаи истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар савдои чакана ва қабули онҳо барои пардохти молу хизматҳо тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Алҳол ташкилотҳои қарзии молиявии вилояти Суғд чунин кортҳои пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли Низоми миллии пардохтии "Корти миллӣ": низоми байналмиллалии пардохтии Visa ва Mastercard, кортҳои пардохтии маҳаллии ташкилотҳои қарзии молиявиро истифода мебаранд.

Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ дар буриши минтақаҳои ҷумҳурӣ дар диаграммаи 1 оварда шудааст. Қисми зиёди кортҳои пардохтӣ – 45% аз миқдори умумӣ – дар Душанбе истифода мешавад. Аз рӯи ин нишондиҳанда ҷойҳои дигарро, мутаносибан, вилояти Суғд – 22%, вилояти Хатлон – 20%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 14%, ВМКБ – 3% ишғол мекунанд. Аз ин ҷо ба

хулосае омадан мумкин аст, ки намуди электронии пардохт дар шаҳрҳои калон бештар инкишоф ёфтааст.

**Диаграммаи 1. – Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ дар буриши минтақаҳои ҷумҳурӣ**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Бюллетени омори бонкӣ // 2020. – № 12 (305). – С.99-100.

Микдори кортҳои пардохтии дар ҷумҳурӣ ба муомилот бароварда ҳамчунин дар бораи паҳншавии намудҳои электронии пардохт шаҳодат медиҳанд. Дар диаграммаи 2 таснифи кортҳои пардохтии ба муомилот бароварда дар буриши низомҳои пардохтӣ ва баровардаи ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд

**Диаграммаи 2. – Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ, ки ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардаанд**




**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси вебсайт сохта шудааст (www.nbt.tj/ upload/ iblock/ dcd/ ins_193__ru. pdf).

Миқдори кортҳои пардохтии ба муомилот баровარда дар ҷумҳурӣ ҳамчунин аз паҳншавии намудҳои электронии пардохтҳо шаҳодат медиҳанд. Дар диаграммаи 2 таснифи кортҳои пардохтии ба муомилот баровარда дар буриши низомҳои пардохт, ки ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия кардаанд, оварда шудааст.

Додаҳои диаграммаи 2 шаҳодат медиҳанд, ки қисми асосии кортҳои пардохтиро КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ба муомилот баровардааст, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумӣ 51%-ро ташкил мекунад. Ҳамчунин як қисми назарраси кортҳо – 23% онҳоро Ташкилоти молиявии "Душанбе сити" баровардааст.

Дар вилояти Суғд дар баробари Somon.tj интернет-мағозаи Kolin.tj низ маъруфият дорад. Мағозаи мазкури маснуоти қолиниро дар нармафзори ҚҚҚ таъсис кардааст. Он ба фурӯшу хариди ашёи хоми маснуоти қолинӣ машғул аст. Мағоза ҳамчунин онлайн машваратҳо медиҳад. Супориш тавассути истифодаи технологияҳои электронӣ амалӣ мегардад, пардохт бошад, бо тарзи дилхоҳи ба муштарӣ қулай ба амал баровარда мешавад.

Рушди тиҷорати электронӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки онҳоро аз рӯи меъёрҳои алоҳидаи зерин гуруҳбандӣ мекунанд: хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию демографӣ, техникию технологӣ. Ба хусусиятҳои сиёсӣ мансубанд: вазъияти пойгоҳи қонунгузории соҳаи "online"; фаъолияти мақомоти ҳокимият дар танзими интернет; истифодаи ТКИ дар пешниҳоди хизматҳои давлатӣ; вазъияти сиёсати "дарҳои кушода". Ба меъёрҳои иҷтимоию демографӣ мансубанд: сатҳи босаводии аҳолӣ; босаводии иттилоотӣ; салоҳияти касбии ашхосе, ки дар тиҷорати электронӣ машғули коранд; сатҳи боварии мардум ба доду гирифт дар интернет. Ба меъёрҳои иқтисодӣ мансубанд: динамикаи ММД, қобилияти харидории аҳолӣ, дастрасии захираҳо барои пешбурди бизнес, сатҳи рақобат, аз ҷумла ширкатҳои хориҷӣ; инкишоф ёфтани инфрасохтори бизнес.

Тиҷорати электронии минтақа низоми мураккаби хизматҳои гуногуншакл буда, дорои сохтори сершохаи соҳаҳо ва истеҳсоли молҳо мебошад. Ба ин мақсад дар байни аҳолии шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон ва Бӯстон пурсиш гузаронида шуд. Сабаби интихоби се шаҳри мазкур нисбатан инкишоф ёфтани тиҷорати электронӣ дар ин минтақаҳо ва дар ин ҷо мутамаркиз гардидани миқдори зиёди субъектҳои тиҷорати электронӣ (бонкҳо, марказҳои хизматрасонии электронӣ) мебошад, марказҳое, ки дар онҳо инфрасохтори ҷамъиятию иқтисодӣ ва фарҳангӣ нисбатан инкишоф ёфтааст. Қисми назарраси пурсидашудагон (21%) ҳам аз сифат ва ҳам аз вазъи инкишофи соҳаи тиҷорати электронии қаноатманд нестанд, 8% пурсидашудагонро давраи ё мӯҳлати иҷрои супориш қонеъ намегардонад. Агар масъаларо дар маҷмуъ баррасӣ кунем, пас дониши нокифояи асосҳои технологияҳои иттилоотӣ боиси нобоварии муайяни аҳолӣ ба тиҷорати электронӣ мегардад.

Тавассути таҳияи модел тағйирёбии хароҷоти истеъмолӣ (нишондиҳандаи натиҷавӣ)-ро арзёби мекунем. Вобаста аз сатҳи ба даст омадаи даромади аҳолӣ барои муайян кардани дурнамои талаботи аҳолӣ ба

хизматҳои тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳем. Бо сифати нишондиҳандаҳои омилӣ нишондиҳандаҳои зерин истифода шудаанд: МММ ба ҳар сари аҳолӣ ($X_1$); ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ($X_2$); музди маоши миёна дар як моҳ ($X_3$); даромад ба ҳар сари аҳолӣ ($X_4$); ҳаҷми қарзи аҳолӣ ($X_5$); қарзҳои муҳлаташ гузашта тибқи кредитҳо ($X_6$).

Ҳаҷми пурраи иттилооти воқеӣ хеле калон мешавад, бинобар ин дар муодилаи зерини ба миён оварда додаҳоеро баррасӣ менамоем, ки солҳои охирро тавсиф мекунанд.

**Ҷадвали 3. – Нишондиҳандаҳо барои ҳисобкунии дурнамои рушди тиҷорати электронӣ дар минтақа**

| Сол ҳо | Хароҷот ба ҳар сари аҳолӣ (У) | ММД ба ҳар сари аҳолӣ ($X_1$) | Маоши миёна дар як моҳ ($X_2$) | Даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ ($X_3$) | Қарз ба ҳар сари аҳолӣ ($X_4$) | Хизматрасо-нии пулакӣ ба ҳар сари аҳолӣ ($X_5$) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2000 | 15,15 | 0,25 | 13,45 | 17,45 | 10,9 | 84,6 |
| 2005 | 59,13 | 0,86 | 69,22 | 75,19 | 118,1 | 619,1 |
| 2010 | 213,42 | 2,54 | 258,79 | 277,96 | 591,1 | 1048,0 |
| 2015 | 318,83 | 0,004 | 696,80 | 380,01 | 1933,1 | 1536,4 |
| 2016 | 347,69 | 5,72 | 774,23 | 418,52 | 1694,3 | 1518,6 |
| 2017 | 401,46 | 6,71 | 1012,87 | 500,60 | 1703,2 | 1492,3 |
| 2018 | 385,03 | 6,90 | 1072,28 | 496,15 | 1829,9 | 1476,9 |
| 2019 | 434,8 | 7,58 | 1182,69 | 543,11 | 2118,9 | 1462,7 |
| 2020 | 641,47 | 7,76 | 1236,26 | 671,05 | 2227,2 | 1264,3 |
| 2021 | 895,42 | 9,72 | 1418,81 | 854,22 | 2798,6 | 1280,4 |

**Сарчашма:** Солномаи омори вилояти Суғд/ Маҷмӯаи оморӣ. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 2022. - С. 9, 10; С. 149-150; С. 162-163; С. 448-462.

Алоқаи байни нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва омилӣ зич аст (коррелятсия 0,9983). Вобастагии байни онҳо 99,65% (детерминатсия 99,97%) мебошад. Эътимодбахшии модели ба даст омада дар бораи мувофиқ ва ё адекватӣ будани натиҷаи ҳосилшаванда шаҳодат медиҳад.

Нишондиҳандаи интегралии рушди тиҷорати электронӣ дар шароити муосир чунин намуд дорад:

$$Y = 18,34 + 3,0214 X_1 + 0,2597 X_2 + 1,274 X_3 + 0,1036 X_4 + 0,1323 X_5 \qquad (1)$$

Ҳангоми якхела будани шартҳои дигар бо истифода аз усули мазкур дурнамои рушди тиҷорати электрониро то соли 2030 тартиб додан мумкин аст. Методикаи мазкурро ҳамчунин барои ояндабинии динамикаи хароҷоти истеъмолӣ дар савдои электронии минтақа то соли 2030 истифода бурдан мумкин аст, ки он дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. – Методикаи ҳисобкунии дурнамои динамикаи хароҷоти истеъмолӣ дар тиҷорати электронӣ**

| Y – Хароҷоти истеъмолӣ ба тиҷорати электронии молҳо дар як моҳ | t – омили вақт | Yt | $t^2$ | $\bar{Y}$ - (нишондиҳанда и назариявӣ) | Y-$\bar{Y}$ - (инҳироф) |
|---|---|---|---|---|---|
| 0,53 | -2 | -1,06 | 4 | 0,426 | 0,104 |
| 1,16 | -1 | -1,16 | 1 | 1,31 | -0,15 |
| 2,27 | 0 | 0 | 0 | 2,206 | 0,064 |
| 3,02 | 1 | 3,02 | 1 | 3,096 | -0,076 |
| 4,05 | 2 | 8,1 | 4 | 3,98 | 0,07 |
| $\sum Y = 11{,}03$ | $\sum t = 0$ | $\sum Yt = 8{,}9$ | $\sum t^2 = 10$ | $\sum \bar{Y} = 11{,}018$ | 0,012 |

$$a = \frac{\sum Y}{n} = \frac{11{,}03}{5} = 2{,}206 \qquad b = \frac{\sum Yt}{\sum t^2} = \frac{8{,}9}{10} = 0{,}89, \qquad (2)$$

Вазъи кунунии тиҷорати электронӣ ҷамъиятро водор месозад, ки аксарияти мавқеъҳои қаблиро, ки аз бисёр ҷиҳат бо раванди такрористеҳсол муайян мешаванд, бознигарӣ кунем. Тавсеаи доираи фаъолияти тиҷорати электрониро дар иқтисодиёти минтақа дар дурнамо тамоюли тараққии хоҷагии ҷаҳонӣ муайян мекунад ва дар дохили минтақаҳои ҷумҳурӣ тағйир меёбад.

Тағйироти мусбат ҳангоми амалкарди тиҷорати электронӣ дар минтақа боиси тағйироти мусбат на танҳо дар сохтору иқтидори он мегардад, балки ба шароити умумии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва, табиист, вилоят таъсир мерасонад. Ба суханони дигар, суммаи тиҷорати электрониро зиёд намуда, афзоиши амволи ғайриманқули корхонаҳои тиҷорати электрониро пеш мебарем, шаклҳои пешқадами хизматрасонии тиҷорати электрониро ҷорӣ намуда, сифати онҳоро низ беҳтар мекунем ва ғайра. Зимнан иштиғол зиёд мешавад, даромади аҳолӣ баробар мегардад, қобилияти харидорӣ баланд мешавад ва чун самараи ҳамаи ин омилҳо дар маҷмуъ нишондиҳандаҳои тиҷорати электронӣ ва умуман иқтисодиёт беҳтар мешавад.

Дар боби севум – **“Самтҳои афзалиятноки рушди минтақа дар қаринаи тавсеаи тиҷорати электронӣ”** – механизмҳои такмили фаъолият ва танзими шаклҳои электронию инноватсионии муносибатҳои савдо дар минтақа баррасӣ шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷорати электрониро Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдо, инчунин дигар муассисаҳо, аз ҷумла Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдо, Вазорати молия, Мақомоти давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра танзим мекунанд. Вазифаи танзими низоми тиҷорати электронӣ таъмини бехатар ва бароҳати аҳолӣ бо молу хизматҳо, рушди инфрасохтори он ва ғайра мебошад. Танзими фаъолияти субъектҳои тиҷорати электронӣ (бонкҳо,

компанияҳои провайдерӣ)-ро Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

Асоси қонунгузории фаъолияти субъектҳои тиҷорати электронӣ, ки соҳаи корӣ электрониро ташаккул медиҳад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқа", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқаи почта" ба ҳисоб меравад.

Ташкил ва идоракунии тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғд навъи инноватсионии тиҷорат мебошад, ки чун низом амалӣ мегардад ва ба дараҷаи сермаҳсулии истифодаи механизмҳои рақамӣ таъсир мерасонад. Самтҳои асосии консептуалии ноил шудан ба мақсадҳои мазкур инҳоанд:

1. Дар ҳудуди вилояти Суғд пешниҳод кардани молу хизматҳо дар асоси супориши электронӣ ва бо нархи қобили қабул;

2. Рушди инфрасохтори бозорӣ ва дигар шохаҳои касбии тиҷорати электронӣ;

3. Ташаккул ва дастрасии тиҷорати электронӣ, имкони пешниҳоди хизматҳо бо шартҳои манфиатовар;

4. Ба аҳолӣ кафолат додани таъминкунӣ бо молу хизматҳо, аз ҷумла хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои бемуҳофизати аҳолӣ тибқи супоришҳои электронӣ.

Сабаби асосии маҳдуд будани фаъолияти тиҷорати электронӣ то имрӯз даромади умумии на он қадар калони аҳолӣ мебошад, ки боиси пардохтпазирии пасти аҳолӣ мегардад. Даромади аҳолии минтақа асосан ба молҳои зарурати аввал сарф мешавад, ки ин нуктаро дар ҷадвали поён (ҷадвали 5) дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 5. – Истифодаи даромади умумии аҳолии минтақа (сомонӣ, ба як узви оила)**

| Солҳо / Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат 2019 , % |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 491 | 646,11 | 904,50 | 184,2 |
| Хароҷоти истеъмолӣ | 434,8 | 641,47 | 895,42 | 205,9 |
| Аз он ҷумла: Барои харидани озуқаворӣ | 199,2 | 359,3 | 479,19 | 240,6 |
| Барои харидани молҳои ғайриистеҳсолӣ | 155,2 | 189,29 | 244,40 | 157,5 |
| Барои пардохти хизмати шахсӣ | 79,9 | 83,34 | 170,11 | 212,9 |
| Андоз ва пардохтҳо | 56,53 | 4,64 | 9,08 | 16,1 |

**Сарчашма:** Омори солномаи вилояти Суғд/ Маҷмӯаи оморӣ. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 2022.- С. 163.

Таҳлили додаҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки соли 2021 хароҷоти истеъмолии як узви оила 895,42 сомонӣ (98,9%) аз 904,5 сомонии даромади умумии оиларо ташкил кардааст. 479,19 сомонӣ (52,9%) ба хӯрокворӣ сарф

мешавад. Чунин тамоюл дар дигар солҳо низ ба назар мерасад ва, эҳтимол, дар оянда низ бетағйир мемонад.

Субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар тиҷорати электронӣ дар ҳудуди минтақа иштирок мекунанд, аз нуқтаи назари ҳудуд нобаробар ҷойгир шудаанд. Масалан, қисми асосии субъектҳои тиҷорати электронӣ дар маркази вилояти минтақаи Хуҷанд, шаҳрҳои Гулистону Бӯстон ва як қатор шаҳрҳои дигар ҷойгир шудаанд. Вақтҳои охир афзоиши шаклҳои нави шуғл ба мушоҳида мерасад. Худиштиғол, смартстаффинг, фриланс, аутплейсмент, шуғли фосилавӣ, аутсорсинг, блогер, аутстаффинг ва ғайра аз он ҷумлаанд, ки фаъолияти онҳо бе тиҷорати электронӣ тасаввурнопазир аст. Дар ин ҷо таъкид кардан зарур аст, ки дар ҳисоботи агентиҳои омори Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин додаҳо мавҷуд нестанд, бинобар ин арзёбӣ кардани таъсири ин намудҳои шуғл ба иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он кори хеле мушкил аст. Дар ҷадвали поён додаҳое оварда шудаанд, ки бевосита бо тиҷорати электронӣ дар соли охир алоқаманданд (ҷадвалҳои 6 ва 7).

**Ҷадвали 6. – Шумораи соҳибкороне, ки ба таҳвили мол ба вилояти Суғд машғуланд**

| **Шаҳру ноҳияҳои вилоят** | **Рақамҳо** | **Даромади умумӣ (сомонӣ)** | **Андози ҳисобшуда (сомонӣ)** | **Андози пардохтшуда (сомонӣ)** |
|---|---|---|---|---|
| Хуҷанд | 68 | 1321000 | 89120 | 90200 |
| Б. Ғафуров | 49 | 1023600 | 61416 | 60320 |
| Истаравшан | 36 | 860230 | 51613,8 | 53250 |
| Конибодом | 33 | 720600 | 43236 | 41260 |
| Исфара | 29 | 694560 | 41673,6 | 36520 |
| Панҷакент | 22 | 445680 | 26740,8 | 23750 |
| Спитамен | 18 | 265900 | 15954 | 16010 |
| Бӯстон | 18 | 360800 | 21648 | 23650 |
| Ҷ. Расулов | 17 | 320156 | 19209,36 | 15830 |
| Зафаробод | 15 | 189354 | 11361,24 | 12300 |
| Гулистон | 13 | 110300 | 6618 | 5420 |
| Шаҳристон | 12 | 129000 | 7740 | 8460 |
| Деваштич | 11 | 123500 | 7410 | 6780 |
| Айнӣ | 9 | 112530 | 6751,8 | 5230 |
| Ашт | 8 | 84000 | 5040 | 4899 |
| Мастчоҳ | 7 | 57860 | 3471,6 | 3400 |
| Истиклол | 3 | 42300 | 2538 | 3200 |
| Мастчоҳи куҳӣ | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ дар вилоят** | 368 | 6861370 | 421542,2 | 410479 |

***Сарчашма:*** *Маълумоти фаврии Кумитаи андози вилояти Суғд барои соли 2022*

Аз рӯи додаҳои ҷадвал маълум мегардад, ки дар вилояти Суғд соҳибкороне, ки бо расонидани мол машғуланд, интернет-марказҳоро истифода мебаранд. Теъдоди аз ҳама зиёди онҳо – 68 нафар дар маркази вилоят - ш.Хуҷанд кор мекунанд. Даромади умумии онҳо 1321000 сомониро ташкил мекунад, ки аз он ба хазинаи давлат 90200 сомонӣ дохил шудааст.

Ҷои дуюмро аз рӯи ин нишондиҳанда ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ҷои сеюмро шаҳри Истаравшан ишғол мекунад.

Ҳамин тариқ, тасдиқ кардан мумкин аст, ки тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғд ба рушд тамоюл зоҳир мекунад ва ба иқтисодиёти вилоят таъсири назаррас мерасонад. Вақтҳои охир дар вилояти Суғд чунин намуди фаъолият ба мисли блогергарӣ хеле инкишоф ёфтаст, ки ба қадри кофӣ фаъол аст ва онро ба тиҷорати электронию рақамӣ мансуб медонанд. Дар ҷадвали поён нишондиҳандаҳои фаъолияти блогерон дар шаҳру ноҳияҳои Суғд оварда шудааст.

**Ҷадвали 7. – Фаъолияти блогерон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | Рақамҳо | Даромади умумӣ (сомонӣ) | Андози ҳисобшуда (сомонӣ) | Андози пардохтшуда (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Хуҷанд | 33 | 223000 | 15610 | 47520 |
| Деваштич | 27 | 128560 | 8999,2 | 38880 |
| Шаҳристон | 19 | 115620 | 8093,4 | 27360 |
| Спитамен | 16 | 99230 | 6946,1 | 23040 |
| Панҷакент | 14 | 88350 | 6184,5 | 20160 |
| Ҷ. Расулов | 13 | 101320 | 7092,4 | 18720 |
| Айнӣ | 13 | 88520 | 6196,4 | 18720 |
| Бӯстон | 12 | 78964 | 5527,48 | 17280 |
| Гулистон | 11 | 86340 | 6043,8 | 15840 |
| Зафаробод | 10 | 42980 | 3008,6 | 14400 |
| Исфара | 9 | 18900 | 1323 | 12960 |
| Истаравшан | 4 | 8600 | 602 | 5760 |
| Масчоҳи Кухӣ | 4 | 16230 | 1136,1 | 5760 |
| Конибодом | 3 | 7300 | 511 | 4320 |
| Б.Ғафуров | 2 | 10000 | 700 | 2880 |
| Ашт | 2 | 9500 | 665 | 2880 |
| Мастчоҳ | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Истиқлол | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ дар вилоят** | 192 | 1123414 | 78638,98 | 276480 |

***Сарчашма:*** *Маълумоти фаврии Кумитаи андози вилояти Суғд барои соли 2022*

Додаҳои ҷадвал шаҳодат медиҳанд, ки дар вилояти Суғд бо фаъолияти блогерӣ бештар аз ҳама дар маркази вилоят – ш.Хуҷанд машғуланд. Шумораи блогерон 33 нафар буда, даромади умумии онҳо 223000-ро ташкил кардааст. Аз ин маблағ 47520 сомонӣ ба хазинаи давлат ворид шудааст. Даромади умумии блогерони Деваштич 128560 сомонӣ аст, ки аз он 38880 сомонӣ ба хазинаи давлат ворид шудааст. Чунин намуди фаъолият инчунин дар ноҳияи Шаҳристон низ инкишоф меёбад. Теъдоди блогерон дар ин ноҳия 19 нафар буда, даромади умумиашон ба 115620 сомонӣ баробар аст, ки аз он Кумитаи андоз 8093,4 сомониро ҳисоб кардааст, вале 27360 сомонӣ пардохт шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо ин намуди нави фаъолият ҳамчунин дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов ва Айнӣ, шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон ва ноҳияи Зафаробод машғуланд. Теъдоди блогерон аз 10 то 13 нафар

мебошад. Дар дигар ноҳияҳо, аз ҷумла Ашт, Бобоҷон Ғафуров Кӯҳистони Мастчоҳ, ва шаҳрҳои Конибодом, Истаравшан ва Исфара теъдоди блогерон ночиз аст.

Бинобар ин, метавон ба хулосае расид, ки тиҷорати электронӣ дар муқоиса бо маҳалли деҳот, бештар дар марказҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳо тараққӣ кардааст. Ҳамин вазъият мавҷудияти маскани холиро дар бозор ва имконияти инкишоф додани тиҷорати электрониро дар деҳоти минтақа муайян мекунад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳии минтақа бошад, ташкилу рушди тиҷорати электронӣ ба сабабҳои рушд накардани шабака, дастнорас будани Интернет, зичии ками аҳолӣ, шароитҳои табиию иқлимӣ мушкилиҳо мавҷуданд. Бинобар ин, тавсеаи фазоии доираи фаъолияти тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа маблағгузории иловагиро талаб менамояд.

Масъалаи дар вилояти Суғд таъсис додани маркази таҳсилоти шабакавӣ оид ба масъалаҳои маркетинг ва тайёр кардани кормандон (фреймҳо) ва машваратдиҳӣ ба онҳо дар ҳамкорӣ бо муттахассисони соҳаи хизматрасониҳои рекламавӣ ва мубодилаи таҷриба ҷолиби диққат аст.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

### Натиҷаи асосии илмии диссертатсия

Таҳлили диссертатсионӣ имкон дод, ки хулосаҳои асосии илмии зерин бароварда шаванд:

1. Тиҷорати электронӣ чун шакли инноватсионии бизнес-фаъолият дар охири асри XX пайдо шудааст ва бо рушди пурҷӯшу хурӯши технологияи иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани компютер ба низоми идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд аст. Тиҷорати электронӣ мавҷмонанд инкишоф ёфтааст ва панҷ модели инкишоф дорад: корпоратсияҳо; ҷомеа; конгломератҳои электронӣ; низомҳои шабакавии иқтисодӣ ва бозори глобалии электронӣ [1-М, 14-М].

2. Мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии тиҷорати электронӣ дар низоми соҳибкорӣ чун омили рушди минтақа дар имконияти “кор кардани” пул бо ёрии тиҷорати электронӣ ва технологияҳо ифода меёбад ва тарзи аз ҳама тенологияю муосири фаъолияти соҳибкории аҳолии минтақа мебошад [10-М].

3. Самаранокии тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа тавассути ҳамкории мақомоти ҳукумат, бизнес ва истеъмолгар таъмин карда мешавад. Доираи фаъолияти тиҷорати электронӣ гуногуншакл аст: савдои электронӣ, маркетинги электронӣ, ҳокимияти электронӣ, таҳлили молиявии электронӣ; пардохтҳои электронӣ; банкинги электронӣ, дастгирии электронии истифодабарандагон, интиқолҳои мухталифи электронии воситаҳои молиявӣ, низоми мубодилаи иттилоот бо истифодаи технологияи электронӣ, имконияти интиқоли фаврии иттилоот ва ғайра, ки бо Интернет вобаста аст [5-М].

4. Марҳилабандии ташаккули тиҷорати электронӣ сурат гирифтааст, ки тибқи он давраи аввал бо пайдоиши мошинҳои электронии ҳисоббарор;

давраи дувум бо рушди технологияҳои иттилоотӣ дар асоси микропротсессорҳо, кортҳои хотира; давраи севум бо пайдо шудани фазои Интернет, низоми автоматонидаи идоракунӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ; давраи чорум бо тавсеаи низомҳои торнигораи умумиҷаҳонии Интернет, мубодилаи электронии иттилоот; давраи панҷум бо шабакаи васеи низоми миллии байналхалқии тиҷорати электронӣ тавсиф мегардад [5-М].

5. Рушди тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад: низоми тавсеаи доираи фаъолият; ҳамгунпазирӣ; нисбатан сода будан, имконияти дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудани онҳо; ҳам аз ҷониби бозор ва ҳам аз тарафи давлат назорат ва танзим шудани шаклҳои мухталифи тиҷорати электронӣ (аз бизнеси хурду миёна то шарикии давлатию хусусӣ), гуруҳбандӣ аз рӯи фаврият ва зарурат, яъне зиёд шудани талабот ва имконияти қонеъ гардонидани он [7-М].

6. Принсипҳои асосии ташкили тиҷорати электронӣ дар низоми соҳаҳои рушди минтақа ва самаранокии он инҳоанд: мутаносибӣ ва мутавозинӣ, методҳои самараноки истифодаи иқтидори захиравии минтақа, шароити мусоид барои рушди тиҷорати электронӣ, сатҳи нисбатан баланди босаводии аҳолии минтақа [4-М].

7. Ба мушкилоти асосии иқтисодӣ, ки то андозае ташкил ва инкишофи тиҷорати электрониро дар иқтисодиёти минтақа бозмедоранд, ҷанбаи зеринро мансуб донистан мумкин аст: инкишоф наёфтани инфрасохтори умумӣ ва соҳавии хоҷагии минтақавӣ ва миллӣ. Бори гарони андоз (то 40% фоида): мавҷудияти монеаҳои сершумори маъмурию бюрократӣ, ки садди роҳи рушди тиҷорати электронӣ мегарданд; номукаммалии муҳити институтсионалӣ барои рушди тиҷорати электронӣ, ки ба соҳаҳои сохтории фурӯши мол ва хизматрасонӣ таъсир мерасонанд [11-М].

8. Рушди савдои электронӣ чун шакли калидии тиҷорати электронӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа аз ду нишондиҳанда вобаста аст, ки муҳити беруна ва дохилиро тавсиф менамоянд ва ба сохтори иқтисодиёти минтақа таъсир мерасонанд. Ба қатори нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти тиҷорати электронӣ дар минтақа дохил мешаванд: самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодӣ (мол, воситаҳои меҳнатӣ ва молиявӣ), дараҷаи азхудкунии технологияҳои иттилоотӣ, сатҳи маълумоти технологӣ ва ғайра; инкишофи шаклҳои созандаи хизматрасонии тиҷорати электронӣ ва фурӯши мол тавассути интернет, дигар шаклҳои амалигардонии тиҷорати электронӣ [13-М].

9. Сабабҳои ғайриқаноатмандӣ аз рушди тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа инҳоанд: аз ҷои истиқомат дур будани марказҳои шабакаи интернет; сигнали ғайримураттаби шабакаи интернет барои пешбурди тиҷорати электронӣ; риоя накардани низоми корӣ; мутобиқат накардани хизматҳои рекламавӣ бо воқеият; маҳдуд будани хизматрасониҳо; шохабандии сусти шабакавии тиҷорати электронӣ [8-М].

10. Барои такмили механизми фаъолият ва танзими хуқуқии тиҷорати электронӣ чун омили рушди иқтисодиёти минтақа пешниҳод мегарданд: санҷиши шароити фаъолияти субъектҳое, ки интернет доранд ва дар иқтисодиёти минтақа ба тиҷорати электронӣ хизмат мерасонанд;ояндабинии инкишофи талабот ба молҳои электронӣ ва тиҷорати электронӣ ва самтҳои эҳтимолии рушди тиҷорати электронӣ ва унсурҳои он; мониторинги мунтазами афкори ҷомеа дар бораи шароит ва имкониятҳои пайвастшавӣ ба Интернет ба мақсади пешбурди тиҷорати электронӣ [9-М].

11. Сохтори тиҷорати электронӣ бояд алоқаи мутақобилаи унсурҳоеро, ки ба он дохил мешаванд, таъмин кунад. Ин кор аз сатҳи технологии истеҳсолот вобаста аст. Ба ин соҳа мансубанд: субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар тиҷорати электронӣ иштирок менамоянд ва молҳои электронӣ мебароранд; хизматҳои марказҳои провайдерӣ; субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар тиҷорати электронӣ ва соҳаи хизматрасонии электронӣ ба мақомоти маъмурӣ (ҳукуматҳо, милитсия, мақомоти Ҳукуматӣ) иштирок мекунанд; субъектҳои соҳибкорӣ, ки ба аҳолӣ хизматҳои тиҷорати электронӣ мерасонанд (интернет-қаҳвахона, марказҳои компютерӣ, марказҳои бозӣ ва ғайра); субъектҳои тиҷорати электронӣ, ки ба бонкҳо хизмат мерасонанд [14-М].

12. Дар барномаи тавсеаи фазоии доираи фаъолияти тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа пешбинӣ кардан лозим аст: тавсеаи сомонаҳои истифодабарандагон (корхонаю ташкилотҳо) дар иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ, ки дастрасиро дар ҳаҷми пурра ба воситаҳои электронӣ таъмин мекунанд; гузаронидани мониторинги доимии талаботи аҳолӣ ба хизматҳои тиҷорати электронӣ ва дархостҳои истифодабарандагон; таҳкими натиҷаҳои самаранокии амалиёти электронӣ; назаррас баланд бардоштани сифати фаъолияти тиҷорати электронӣ ва кам кардани муҳлати гузаронидани амалиётҳо оид ба дастрас кардан ва пардохти молу хизмат [11-М].

13. Самтҳои афзалиятноки тавсеаи доираи фаъолияти тиҷорати электронӣ инҳоанд: такмили механизми фаъолият ва хусусиятҳои танзими тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа дар замони шаклҳои инноватсионии савдо. Ҳамчунинояндабинии рушди минтақа таҳти таъсири тавсеаи шаклҳои электронии тиҷорат ва тавсеаи фазоии доираи фаъолияти он; оптимизатсияи шабакаи корхонаҳо ва рушди принсипи шабакавии ташкили тиҷорати электронӣ; ташаккул додани муҳити самараноки инноватсионӣ чун омили боздоштани болоравии нарх ба молу хизматҳо ва дараҷаи инҳисорияти қитъаҳои алоҳидаи иқтисодиёт тақозо карда мешаванд [13-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

- Ташкили намоишгоҳҳои махсус, тамошои молҳо ва хидматҳои тавассути тиҷорати электронӣ фурӯхташуда [8-М].
- Вусъат додани фаъолияти маркетингӣ дар байни аҳолӣ оид ба рушди системаи тиҷорати электронӣ, тиҷорати электронӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ,

ки ба аҳолӣ хизматрасонии тиҷорати электронӣ мерасонанд (интернет-кафеҳо, марказҳои компютерӣ, марказҳои бозӣ ва ғайра) [13-М].

•Ташкили истифодаи оқилонаи дастгоҳҳои интиқоли сигнали интернетӣ ва истифодаи принсипҳои ягонаи фаъолияти тиҷорати электронӣ аз ҷониби блогерони вилояти Суғд [10-М].

•Фароҳам овардани шароит барои истифодаи усулҳои пешқадам ва самараноки тиҷорати электронӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ барои васеъ намудани фазои фаъолияти электронӣ дар ноҳияҳои Деваштич, Шаҳристон, Ҷаббор Расулов, Айнӣ, Зафаробод ва Бӯстон, Гулистон [8-М].

•Ҷудо намудани маблағҳои мақсаднок барои беҳтар намудани таҷҳизоти техникии фаъолият ва хизматрасониҳои марказҳои провайдери субъектҳои электронии тиҷоратӣ, ки ба фаъолияти электронӣ алоқаманд ва хизматрасониҳои электронӣ дар мақомоти маъмурӣ (ҳукуматҳо, милитсия ва мақомот)-и вилояти Суғд [7-М].

•Имтиёзҳои андоз барои ташкилотҳо ва ҷойгиркунии марказҳои интернетии arzon.tj, avita.tj ва субъектҳои тиҷорати электронӣ, ки ба бонкҳо дар масофаи наздик барои аҳолӣ хизмат мерасонанд [4-М].

•Таъсис ва тавсеаи шаклҳои электронии соҳибкорӣ ва васеъ намудани фазои фаъолияти он, беҳтаргардонии шабакаи корхонаҳо ва таҳияи принсипи шабакаи ташкили тиҷорати электронии Kolin.tj барои робитаи боз ҳам наздиктар ва самараноки байни корхонаҳо ва марказҳои интернетӣ [4-М].

•Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои даврӣ дар байни аҳолӣ ҷиҳати ҷалби шаҳрвандон ба тиҷорати электронӣ, амалиёти тиҷоратӣ ва муомилоти Somon.tj, Бонки Алиф бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ бо кафолати самаранокии бештари иқтисодӣ нисбат ба намуди анъанавии тиҷорат [1-М].

•Муқаррар намудани имтиёзҳо барои таъсиси Интернет дар тамоми ҳудуди минтақа, аз ҷумла дар ноҳияҳои Деваштич, Шаҳристон ва Айнии вилояти Суғд барои дастрасӣ ба хизматрасонии электронӣ [2-М].

•Мониторинги фаъолият ва фароҳам овардани шароити меъёрию ҳуқуқӣ барои ҳамкории ҳамаи субъектҳои вилоят ва шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Исфара ва Конибодом, ки ба тиҷорати электронӣ хизмат мерасонанд [2-М].

•Тавсеаи сомонаҳои корбарон (корхонаю ташкилотҳо) дар иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ, таъмини дастрасии пурра ба воситаҳои электронии arzon.tj, avita.tj ва густариши истифодаи тиҷорати электронӣ дар бахши B2B (бизнес-то-бизнес) [8-М].

•Муайян намудани шароитҳои техникӣ барои истифодабарии низоми байналмилалии пардохти VISA ва Mastercard, кортҳои муштараки системаҳои пардохтии UnionPay ва NPS «Корти Миллӣ» [4-М].

•Гузаронидани маркетинг байни аҳолӣ, ҷиҳати васеъ намудани имкониятҳо ва манфиатҳои истифодаи системаи пардохти «Корти миллӣ» дар савдои электронӣ, тиҷорати электронӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ [11-М].

**ФЕҲРИСТИ**
**ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Холматова, Д.Н. Региональный электронный бизнес в системе рыночной экономики [Текст] Д.Н.Холматова // Вестник ТНУ. – Душанбе: СИНО, 2014. - № 2/4(152). - С.279-282.

[2-М]. Холматова, Д.Н. Место и роль регионального электронного бизнеса в повышении уровня жизни населения [Текст] Д.Н.Холматова // Вестник ТНУ. – Душанбе: СИНО, 2015. - № 2/2 (161). - С.235-239.

[3-М]. Холматова, Д.Н. Процесс развития электронного бизнеса в Республике Таджикистан [Текст] Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественные экономические науки. – Худжанд, 2018. - № 4(47). - С.151-155.

[4-М]. Холматова, Д.Н. Моделирование развития электронного бизнеса [Текст] Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественные экономические науки. – Худжанд, 2018. - № 3(46). - С. 170-173

[5-М]. Холматова, Д.Н. Прогнозирование развития электронного бизнеса региона [Текст] Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественно-экономические науки. – Худжанд, 2022. - № 2 (61). –С. 199 – 203.

[6-М]. Холматова, Д.Н. Вопросы развития электронного бизнеса в регионе (на примере Согдийской области) [Текст] А.Л.Кадыров, Д.Н.Холматова // Учёные записки ХГУ им. академика Б. Гафурова Серия: Естественные экономические науки. – Худжанд, 2022. -№ 3 (62). –С. 122 – 127.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ – амалӣ чоп шудаанд:**

[7-М]. Холматова, Д.Н. Развитие электронного бизнеса в системе рыночной экономики // ПОТРЕБИТЕЛЬСКИЙ РЫНОК ЕВРАЗИИ: современное состояние, теория и практика в условиях Евразийского союза и ВТО//Сборник статей III Международной научно-практической конференции (30-31 марта 2015 г.). – Екатеринбург, 2015. – С.199 – 203.

[8-М]. Холматова, Д.Н. Факторы развития электронного бизнеса в Согдийской области [Текст] Д.Н.Холматова // Материалы областной научно-практической конференции “Процесс индустрализации страны: история и современное состояние” (1 ноября 2019 г.). – Худжанд, 2019. – С.198 – 202.

[9-М]. Холматова, Д.Н. Механизм функционирования и особенности регулирования электронного бизнеса [Текст] Д.Н.Холматова // Материалы областной научно-практической конференции “Процесс индустрализации страны: история и современное состояние” (1 ноября 2019 г.). – Худжанд, 2019. – С. 202 – 205.

[10-М]. Холматова, Д.Н. Концептуальные основы развития ээлектронного бизнеса [Текст] Д.Н.Холматова // Материалы областной научно-практической конференции “Процесс индустрализации страны: история и современное состояние” (1 ноября 2019 г.). – Худжанд, 2019. – С.86 – 89.

[11-М]. Холматова, Д.Н. Теоретико-методологические основы развития электронного бизнеса в экономике [Текст] М.И. Нуриддинова, Д.Н.Холматова, Дж.А. Ахмедов // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Развитие науки и практика её реализации в период формирования цифровой экономики» ( 24-25 декабря 2019 г.). - Худжанд, 2019. – С.89 – 92.

[12-М]. Холматова, Д.Н. Оценка влияния электронного бизнеса на развитие регионов [Текст] Д.Н.Холматова // Глобальная наука и инновации - 2020: Центральная Азия Серия: Экономические науки. – Нур-Султан, Казахстан. – 2020. - № 6 (11). – С. 11-14.

[13-М]. Холматова, Д.Н. Пространственное расширение спектра деятельности электронного бизнеса в предпринимательском секторе [Текст] Д.Н.Холматова // Материалы республиканской научно-практической конференции «Актуальные проблемы естественных, точных и математических наук в развитии промышленности страны», посвящённой изучению и развитию естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования 2020-2040 гг. (26 февраля 2022 г.). - Бустон, 2022.– С.114 – 117.

## АННОТАЦИЯ
## на диссертацию Холматовой Дилдоры Наджмиддиновны на тему «Электронный бизнес как фактор развития экономики региона»

**Ключевые слова:** электронный бизнес, электронная торговля, Интернет, коммерция, трафик, электронные платёжные системы, услуги электронного бизнеса, модель, платёжные карты.

**Цель диссертационного исследования** заключается в развитии теоретико-методических положений, а также в разработке практических рекомендаций, направленных на расширение электронного бизнеса как фактора развития экономики региона.

**Научная новизна** исследования заключается в теоретическо- методическом обосновании, а также в разработке рекомендаций по развитию электронного бизнеса в региональной экономике.

В диссертации исследуются особенности электронного бизнеса в регионе, проанализировано современное состояние электронного бизнеса в Согдийской области и на основе этого получены основные научные результаты.

Результаты исследования имеют практическое значение и могут быть использованы при разработке концепции и программ развития региона.

Рассмотрены и изучены теоретико-методические подходы к исследованию роли электронного бизнеса в системе факторов развития региона. Выявлена сущностная характеристика электронного бизнеса и понятийный аппарат исследования. Определена методология развития электронного бизнеса и принципы его организации.

Изучен зарубежный опыт организации и развития электронного бизнеса в региональных социально-экономических системах.

Проведён анализ развития электронного бизнеса в Согдийской области. Обоснованы направления влияния электронного бизнеса на отраслевую структуру экономики Согдийской области. Произведена количественная оценка степени влияния электронного бизнеса на развитие экономики области. Осуществлено экономико-математическое моделирование взаимосвязи электронного бизнеса с развитием региональной социально-экономической системы. Модель характеризует рост спроса населения на услуги электронного бизнеса в Согдийской области Таджикистана в зависимости от достигнутого уровня производства ВРП на душу населения, среднемесячной заработной платы, среднедушевого дохода, объемов кредитов и платных услуг на душу населения. Доказано, что между ними существует тесная связь, а доминирующим фактором влияния является рост ВРП на душу населения и уровень среднедушевого дохода.

Определены приоритетные направления развития региона в контексте расширения электронного бизнеса. Предложены меры по совершенствованию механизма функционирования и регулирования экономики региона на базе инновационных форм электронного бизнеса. Также предложен комплекс рекомендательных мер по совершенствованию механизма функционирования и развития электронного бизнеса в экономике Согдийской области. В частности, обеспечение доступности сети Интернет по всему пространству региона; снижение стоимости интернет-тарифов; модернизация и улучшение системы электронных платежей; необходимость создания инфраструктуры по стимулированию субъектов хозяйствования на цифровизацию собственной деятельности и т.д. Составлен прогноз развития региона под воздействием расширения электронных форм бизнеса.

**АННОТАТСИЯ**
**оид ба диссертатсияи Холматова Дилдора Наджмиддиновна дар мавзӯи**
**«Тиҷорати электронӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа»**

**Калидвожаҳо**: тиҷорати электронӣ, савдои тиҷоратӣ, Интернет, трафик, низомҳои пардохтҳои электронӣ, хизматрасониҳои тиҷорати электронӣ, модел, кортҳои пардохтӣ.

**Мақсади таҳқиқот** муқарраротӣ назарию методӣ, ҳамчунин коркарди тавсияҳои амалӣ мебошад, ки ба тавсеаи тиҷорати электронӣ чун омили рушди иқтисодиёти минтақа равона карда шудаанд.

**Навоварии илмии тадқиқот** дар асосноккунии назарию методӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳо оид ба инкишофи тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти минтақа зоҳир мегардад.

Дар диссертатсия хусусиятҳои тиҷорати электронӣ дар минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифта, вазъи имрӯзаи тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифта, дар ин замина натиҷаҳои асосии илмӣ ба даст оварда шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот аҳамияти амалӣ доранд ва онҳоро ҳангоми таҳияи консепсия ва барномӣ рушди минтақа истифода бурдан мумкин аст.

Муносибатҳои назариявию методӣ ба тадқиқи нақши тиҷорати электронӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа баррасӣ ва таҳқиқ шудаанд. Хусусиятияти моҳиятии тиҷорати электронӣ ва дастгоҳи мафҳумҳои таҳқиқот ошкор карда шудаанд. Методологияи рушди тиҷорати электронӣ ва принсипҳои ташкили он муайян гардидаанд.

Таҷрибаи хориҷии ташкил ва рушди тиҷорати электронӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа омӯхта шудааст.

Таҳлили рушди тиҷорати электронӣ дар вилояти Суғд гузаронида шудааст. Самтҳои таъсири тиҷорати электронӣ ба сохтори соҳавии иқтисоди вилояти Суғд асоснок карда шудаанд. Арзёбии миқдории дараҷаи таъсири тиҷорати электронӣ ба рушди иқтисоди вилоят сурат гирифтаанд. Моделсозии робитаи мутақобилаи тиҷорати электронӣ бо рушди низоми иҷтимоию тиқтисодии минтақа амалӣ гардидааст. Модел афзоиши талаботи аҳолиро ба хизматҳои тиҷорати электронӣдар вилояти Суғди Тоҷикистон вобаста аз сатҳи ба даст омодаи истеҳсоли ММД ба ҳар сари аҳолӣ, маоши миёна дар як моҳ, даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаҷми қарз ва хизматҳои пулакӣ ба ҳар сари аҳолӣ тавсиф мекунад. Исбот карда шудааст, ки байни онҳо алоқаи зич вуҷуд дорад ва афзоиши МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва сатҳи даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣомили афзалиятнок мебошад.

Самтҳои афзалиятноки рушди минтақа дар қаринаи тавсияи тиҷорати электронӣ муайян карда шудаанд. Оид ба такмили механизми фаъолият ва танзими иқтисодиёти минтақа дар пояи шаклҳои инноватсионии тиҷорати электронӣ тадбирҳопешниҳод шудаанд. Ҳамчунин маҷмӯи тадбирҳои тавсиявӣ оид ба такмили механизми фаъолият ва рушди тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд пешниҳод гардидаанд.

## ANNOTATION

**of the dissertation of Kholmatova Dildora Nadzhmiddinovna on the topic "Electronic business as a factor in the development of the regional economy"**

**Key words:** e-business, e-commerce, Internet, commerce, traffic, electronic payment systems, e-business services, model, payment cards.

**The purpose of the dissertation research** is to develop theoretical and methodological provisions, as well as to develop practical recommendations aimed at expanding e-business as a factor in the development of the region's economy.

**The scientific novelty** of the study lies in the theoretical and methodological substantiation, as well as in the development of recommendations for the development of electronic business in the regional economy.

The dissertation examines the features of e-business in the region, analyzes the current state of e-business in the Sughd region and, on the basis of this, the main scientific results are obtained.

The results of the study are of practical importance and can be used in the development of the concept and programs for the development of the region.

Theoretical and methodological approaches to the study of the role of e-business in the system of regional development factors are considered and studied. The essential characteristics of e-business and the conceptual apparatus of the study are revealed. The methodology for the development of electronic business and the principles of its organization are determined.

The foreign experience of organizing and developing e-business in regional socio-economic systems has been studied.

An analysis of the development of electronic business in the Sughd region was carried out. The directions of the influence of electronic business on the sectoral structure of the economy of the Sughd region are substantiated. A quantitative assessment of the degree of influence of electronic business on the development of the region's economy has been made. An economic and mathematical modeling of the relationship between e-business and the development of a regional socio-economic system has been carried out.

The model characterizes the growth in the population's demand for e-business services in the Sughd region of Tajikistan, depending on the achieved level of GRP production per capita, average monthly wages, average per capita income, volumes of loans and paid services per capita. It is proved that there is a close relationship between them, and the dominant factor of influence is the growth of GRP per capita and the level of average per capita income.

Priority directions for the development of the region in the context of the expansion of e-business have been identified. Proposed measures to improve the mechanism of functioning and regulation of the regional economy on the basis of innovative forms of electronic business.

A set of recommendatory measures is also proposed to improve the mechanism for the functioning and development of electronic business in the economy of the Sughd region. In particular: ensuring the availability of the Internet throughout the region; reduction in the cost of Internet tariffs; modernization and improvement of the electronic payment system; the need to create an infrastructure to encourage business entities to digitalize their own activities, etc. A forecast has been made for the development of the region under the influence of the expansion of electronic forms of business.

Ба матбаа 10.05.2023 с. супорида шуд.
Ба чопаш 05.06.2023 с. имзо шуд. Қоғази офсет
Андозаи 60x84  1/16. Љузъи ч.ш. 3,75
Супориши №63. Адади нашр 100 нусха

*Матбаии Парки технологии ДДЊБСТ*
*ш.Хуљанд, мањаллаи 17-ум, хонаи 1.*